# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна дар мавзӯи «Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология). Душанбе, 2024.**

Илми этнология гиреҳкушои масъалаҳои муҳими таърихӣ, этногенез, фарҳангу анъанаҳои этникии тоҷикон шуда метавонад, аммо айни замон низ бисёре аз хусусиятҳои хоси этнографии тоҷикони кӯҳистон ба таври пурра омӯхта нашудаанд ва масъалаи ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикони Рушон яке аз онҳо мебошад.

Диссертатсияи Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна ба таҳқиқ ва инъикоси масъалаи ҷашну маросимҳои анъанавии тоҷикони Рушон бахшида шуда, аҳаммияти калони илмӣ дорад. Диссертатсияи мазкур дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ, таҳқиқоти олимони мардумшинос, ва натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроии муаллиф омода гардидааст.

Объекти таҳқиқот ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии тоҷикон буда, предмети он бошад омӯзиши ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии рушониёнро дар бар мегирад.

Мақсади таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор додани ҷашну маросимҳои тақвимӣ-анъанавии мардуми Рушон ба ҳисоб меравад.

Навоварии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар диссертатсияи мазкур дар заминаи таҳлили доираи васеи манбаъҳои таърихӣ ва мардумшиносӣ бори нахуст масъалаи ҷашну маросимҳои анъанавии тоҷикони рушонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Сохтори диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ мутобиқат менамояд. Кор аз муқаддима, се боб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, чорчӯбаи хронологӣ, объект ва мавзӯи таҳқиқот, заминаҳои методологии диссертатсия, асоси манбаъвӣ, навоварии илмии кор, аҳаммияти назаривию амалӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот зикр шудааст.

Мундариҷаи асосии диссертатсияро таҳлили масъалаҳои ҷашну маросимҳо – тақвими анъанавии мардуми Рушон, соли нав, ҷашнҳои оилавӣ, маросимҳо оид ба таваллуди кӯдак, сури арусӣ, маросимҳои кишоварзию озодорӣ фаро гирифтаанд.

Дар хулоса диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шудаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсия мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншуда навишта шуда, дар таърихнигории тоҷик мавзӯи мазкур бори нахуст объекти таҳқиқот интихоб гардидааст. Мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқ мебошад. Диссертант оид ба рисолаи худ мақолаҳои заруриро дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмуаҳои конференсиҳо аз нашр баровардааст.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи ***«Ҷашну маросимҳои анъанавӣ-тақвимии тоҷикони Рушон»*** ба талаботи бандҳои 31 – 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Дарвозиева Ҳанифа Шодибековна – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) мебошад.

**Муқарриз:**
**номади илмҳои таърих,**
**муаллими калони кафедраи**
**дизайни либос ва санъати муди**
**Донишгоҳи технологии**
**Тоҷикистон**

**Содиқова Сайёра Абдурақибовна**

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**коргузории ДТТ**

**Раҳматулло Нусратулло**

«27»___05___ **2024 с.**